«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________
«25» ____06____ соли 2025

# ПРОТОКОЛИ № 11

ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 23 июни соли 2025 ш. Душанбе

**Раис: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.**

**Котиб: н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С.**

**Иштирок карданд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатов Б.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., муаллими калон Насриддинов М., н.и.ҳ., муаллими калон Аҳмадзода М., ассистент Файзуллозода А.Қ., ва Ҳабибзода Н.Х. (ҳамчунон бо иштироки узви Шурои диссертатсионии 6D.КОА–043 назди Академияи ВКД ҶТ, д.и.ҳ., Раҳмадҷонзода Р.Р.)

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Ҳабибзода Назира Халил баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар даҳсолаи охир таваҷҷуҳи

ҷомеашиносон, равоншиносон ва ҳуқуқшиносонро дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон мушкилоти худкушӣ ба худ ҷалб кардааст. Аз худкушӣ одамони синну сол, ҷинс, касбу кор, сатҳи маълумот ва фарҳангашон гуногун мефавтанд. Афзоиши теъдоди худкушӣ ва суиқасд ба худкушӣ, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон рух медиҳад, ба вазъи иқтисод, тартиботи ҷамъиятӣ, пояҳои ахлоқию маънавӣ таъсири манфӣ мерасонад. Худкушӣ яке аз мушкилоти доғи рӯзи ҷомеаи муосир аст. Онҳо дар байни сабабҳои фавти аҳолии қобили меҳнат ҷойи асосиро ишғол намуда, дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар минтақаҳои гуногун тамоюли афзояндаро нигоҳ медоранд.

Актҳои худкушӣ ва кӯшиши ба он расидан дар ҷомеаи муосир ҳамчун як падидаи манфӣ бозгӯй мешаванд. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, дигар санадҳои байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи зиндагиро, ба монанди дигар ҳуқуқҳои асосии инсон ҳифз менамояд. Дар динҳои асосии ҷаҳон низ бар зидди ин амалҳои иҷтимоӣ ибрози назар шудааст. Бо вуҷуди ин, дар шароити муосир афроде мавҷуданд, ки ба таври муқобили ҳуқуқи конститутсионӣ аз ҳаёт ва зиндагонӣ худро маҳрум мекунанд ё кӯшиш мекунанд, ки худро ба ин кор маҷбур намоянд. Ҳамчунин, одамоне ҳастанд, ки бо рафторҳои ношоистаи худ дигаронро ба худкушӣ бо эҳсоси вазнин даъват мекунанд.

Ба гуфтаи коршиносон соли 2020 шумораи солонаи худкушӣ ба 1,53 миллион нафар расидааст. Ин ба як марги худкушӣ дар ҳар 20 сония ё як кӯшиши худкушӣ дар ҳар 1-2 сония баробар аст. Дар гузашта худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба худкушии калонсолон камтар мушоҳида мешуд. Вақтҳои охир дар аксари мамолики ҷаҳон тағйирот ба назар мерасад, ки мизони худкушии ҷавонон аз як сатҳи пиронсолон гузаштааст. Масалан, то соли 1950 – 56% худкушӣ дар саросари ҷаҳон аз ҷониби шахсони синнашон аз 45-сола ва калонтар сурат гирифта, 44% худкушӣ шахсони аз 15 то 44-соларо ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, то соли 1995 ҳиссаи худкушӣ дар саросари ҷаҳон дар гурӯҳи синнашон аз 45 ва болотар то 47% коҳиш ёфт, дар ҳоле ки фоизи худкушӣ дар гурӯҳи аз 15 то 44-сола то 53% афзоиш ёфтааст. Тибқи омори ҷаҳонӣ, баландтарин сатҳи худкушӣ дар синни то 25-сола мушоҳида мешавад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъиншудаи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

–тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан;

– таҳлили криминалистикии одамкушии вонамудкардашуда ба худкушӣ;

– таҳқиқоти тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ;

– омӯзиши хусусиятҳои пурсиш дар раванди тафтиши худкушӣ;

– коркард ва пешниҳод намудани истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтиши худкушӣ;

– таҳқиқоти тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар мавриди тафтиши худкушӣ.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии тафтиши ҳодисаҳои худкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирӣ намудани ҳодисаҳои худкушӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шаванд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

Дуруст ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмуи маълумоти таҷрибавӣ ҳангоми таҳияи рисола муайян карда мешавад: маълумоте, ки аз бойгонии судҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар бораи ҳодисаи худкушӣ ва ҷинояти ба худкушӣ расондан бақайдгирифташуда, инчунин истифодаи усулҳои қаблан дар тадқиқоти илмӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумот оид ба намуди муайяни ҳодисаҳои худкушӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор ва тафтиши худкушӣ; далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси онҳо хулосаҳои ниҳоӣ асос ёфтаанд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С. ва д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуданд, ки ба онҳо Ҳабибзода Назира Халил ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ямоқова З.Д., баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Ҳабибзода Н.Х., суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори

анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. ва н.и.ҳ. дотсент Давлатзода Д.Д. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Ҳабибзода Н.Х., муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 15 мақолаҳои илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Ҳабибзода Н.Х., ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Ҳабибзода Назира Халил дар мавзуи «Тафтиши ба худкушӣ расондан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти

судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 23 июни соли 2025, таҳти рақами № 11қабул шуд.

Иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби ҷаласа: н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмон С.С.**

**Имзоҳои Назаров А.Қ. ва Раҳмон С.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«____» ____________ соли 2025**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj